«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
_______________
«___» _______ 2022с.

НУСХА АЗ СУРАТҶАЛАСАИ №10
ҷаласаи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

аз 25.05. 2022 ш. Душанбе

Раисикунанда: Нуридинов Сунатуло Зубайдулоевич, н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ

Котиб: Урунбаева Н.А., н.и.и., муаллими калони кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ

**ИШТИРОК КАРДАНД:** д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н., д.и.и., профессор Кошонова М.Р., н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., н.и.и., дотсент Қодиров Ф.А., н.и.и., дотсент Нуридинов С.З., н.и.и., дотсент Сатторозода Б.А., н.и.и., дотсент Шукуров С.М., н.и.и., ассистент Шодиев Ф.Т., н.и.и. дотсент Урунбоев А., н.и.и., муаллими калон Урунбаева Н.А., муаллими калон Нурублоева М.М., ассистентони кафедра Расулзода Ҳ.М., Қаландаров Р.Ш., Ҳоҷиев Ҷ.Н., Файзулоев Ҳ.П., Давлатов Б.С., ва унвонҷӯён.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Исайнова Манижа Ҳисайновна дар мавзуи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори кафедраи молияи ДДМИТ Кошонова Манзура Раҳматҷоновна.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Исайнова Манижа Ҳисайновна баромад намуда, дар бораи мазмун ва навгониҳои илмии рисолаи номзадии ба муҳокима пешниҳодшуда маълумот дода, аз ҷумла қайд намуд, ки дар шароити ҷаҳонишавии муаммоҳои таъмини амнияти озуқаворӣ масъалаи муҳим арзёбӣ мегардад. Дар шароити ҳозира масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ на танҳо яке аз масъалаҳои локалӣ ба ҳисоб

меравад, балки муҳиммияти ин масъала дар сатҳи минтақа коҳиш наёфта, баръакс рӯз аз рӯз яке аз масъалаҳои муҳими рушди иқтисоди минтақаҳо боқӣ мемонад. Зеро маҳз таъмини талаботи ҳаррузаи аҳолӣ бо маводи озуқаи худӣ аз рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо вобастагӣ дорад. Бо махсусгардонии рушди минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ, ки ҳамчун ноҳияҳои иқтисодӣ муайян шудаанд такя намуда, метавон бо истеҳсол ва таъмини озуқаи худӣ, ки ба шароитҳои табиию иқлимӣ вобастагӣ доранд, на танҳо таъмини амнияти озуқавориро ба роҳ мондан мумкин аст, балки рушди минтақаҳоро ҳам-чун комплекс (кластер)-и ҷудонашавандаи сиёсати аграрию иқтисодӣ дар оянда боз ҳам метавон тараққӣ дод.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён н.и.и., дотсент Фақеров Ҳ.Н., н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., н.и.и., дотсент Урунбоев А., н.и.и., дотсент Бобомуродов Б., н.и.и. Шарипов У.А., н.и.и., дотсент Нуридинов С.З., муаллими калон Нурублоева М.М., ассистент Ҳоҷиев Ҷ.Н., ассистент Расулзода Ҳ.М., ассистент Файзулоев Ҳ.П. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Исайнова Манижа Ҳисайновна ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор Кошонова Манзура Раҳматҷоновна баромад намуда, оиди фаъолияти педагогӣ ва илмии Исайнова Манижа Ҳисайновна суханрони намуда, изроз доштанд, ки унвонҷу қобилияти баланди педагогӣ ва эҷодӣ дошта, рисолаи мазкур ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб рафта, барои ҳимоя аз руи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ тавсия дода мешавад ва аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш намудаанд, ки онро дастгирӣ намоянд.

Сипас Фақеров Ҳ.Н. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Нуридинов С.З. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баромад намуда, рисоларо ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия доданд.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур, инчунин н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., н.и.и. дотсент Урунбоев А. Баромад намуда, тавсияҳои илмӣ-тадқиқотии худро барои дар оянда истифода намудани унвонҷу пешниҳод намуданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзӯи таҳқиқотро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқоту баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Исайнова Манижа Ҳисайновна муҳаққиқи ҷавони кордон, боинтизом ва пурмасъул буда, муаллифи чандин таълифоти илмӣ,

иштирокчии як қатор конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳтар баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ саҳми назаррас мегузоранд, методологияи механизми танзими давлатии бозори озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намуда, доир ба арзёбии самаранокии он аҳамияти муҳим доранд, нигаронида шудаанд.

Исайнова Манижа Ҳисайновна ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал доданд. Сипас лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласаи кафедра қарор қабул кард:**

1. Диссертатсияи Исайнова Манижа Ҳисайновна дар мавзӯи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, кори анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Исайнова Манижа Ҳисайновна дар мавзӯи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда аз ҷониби муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ ба марҳилаи баъдии ташхиси пешакӣ дар Шӯрои олимони факултет тавсия дода шавад.
3. Қарори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

Раиси ҷаласа:
мудири кафедраи иқтисоди
корхонаҳо ва соҳибкорӣ
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Нуридинов С.З.

Котиби ҷаласа:
н.и.и., муаллими калон — Урунбаева Н.А.

Имзои Нуридинов С.З. ва Урунбаева Н.А.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ, н.и.ҳ. — Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ